*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 154 (4737) | ДУШАНБЕ, 25 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**25-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар намуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ менамоянд.

**www.prezident.tj**





## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**22-юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳое, ки дар мақомоти роҳбарӣ ва фармондеҳии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд, суҳбат намуданд.**

Нахуст Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазъи имрӯзаи печидаю пешгӯинашавандаи минтақа ва ҷаҳон ёдовар шуда, Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистони соҳибистиқлолро сипари боэътимод дар таъмини суботу амнияти ҷомеа ва неруи асосии пешгирикунандаи ҳама гуна амалҳои халалдоркунандаи ҳаёти осоиштаи мардум арзёбӣ намуданд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки дар адои ин вазифаи муқаддасу пуршараф аз ҳар як афсари ин ниҳод поквиҷдонӣ, маҳорати баланди касбӣ, фидоии миллату давлат будан ва рӯҳану ҷисман дар таъмини ормонҳои миллӣ ва фазои амнияту осоиш омода буданро талаб менамояд.

Пешгирии ҳама гуна зуҳуроти барои ҷомеа хатарнок, экстремизм, терроризм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, молу маҳсулот, риояи ҳатмии оинномаҳои ҳарбӣ, таъмини назорати пурраи сарҳади давлатӣ, таъминот бо техника ва лавозимоти зарурии ҳарбӣ, машқҳои мунтазами низомӣ ва баланд бардоштани сатҳу савияи донишҳои техникии афсарону аскарони ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ аз мавзӯъҳои асосии суҳбат буданд

Дар фарҷоми мулоқот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Ҳукумати мамлакат барои тамоми ҷузъу том ва сохторҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд ва дар оянда низ баҳри беҳтар намудани шароити хизмати ҳар як низомии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд.

**www.prezident.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Пиракзода Ҳикматулло**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Пиракзода Ҳикматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 декабри соли 2023, № 662**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҷабзода М. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҷабзода Муродалӣ Раҷаб муовини якуми Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 декабри соли 2023, № 663**

## ИТТИЛОИЯ

**Дар бораи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум **27 декабри соли 2023, соати 10-00** дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **26 декабри соли 2023 аз соати 09-00 то соати 17-00** ва **27 декабри соли 2023** аз **соати 08-00 то 09-30** дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 221-12-47.**

## ИТТИЛОИЯ

**Ҷаласаи якҷояи нуҳуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 28-уми декабри соли 2023, соати 8-00 дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 26-ум ва 27-уми декабри соли 2023 аз соати 8-00 то 17-00 дар бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи 3 ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефон барои маълумот: 221-49-22.**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту панҷум декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», «Дар хусуси тасдиқи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 22 декабри соли 2023, № 557, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи сардори Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мирзозода С. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Саломатшо Бозорбой бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 22 декабри соли 2023, № 558, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Пиракзода Ҳикматулло**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Пиракзода Ҳикматулло сардори Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**



## ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛАРО ЧӢ ТАВР ПЕШГИРӢ НАМОЕМ?

**Нуздаҳуми декабри соли равон дар меҳмонхонаи «Серена»-и шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» суҳбати гирди миз баргузор гардид. Дар он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари намояндагии Хазинаи нуфуси аҳолии СММ (UNFPA) ширкат варзиданд.**

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ иброз намуд, ки дар Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, бахусус занону духтарон, қонуну фармонҳо ва барномаҳои давлатӣ таҳия ва роҳандозӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла «Эъломияи ҳуқуқи башар» ва «Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон»-ро эътироф намуд, ки онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ маҳсуб гардида, меъёрҳои онҳо тадриҷан ба қонунгузории ҷумҳурӣ ворид ва иҷрои онҳо барои беҳдошти вазъи занон дар ҷомеа равона шудааст.

- Бо назардошти фаъолгардонии кӯшишҳо дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, таъмини сиёсати самараноки гендерӣ дар кишвар, роҳ надодан ба зӯроварию табъиз дар муносибатҳои оилавӣ, ташаккули низоми созандаи муносибатҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахс ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул ва мавриди амал қарор гирифт, - иброз намуд Дилрабо Мансурӣ.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода иброз намуд, ки зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон зуҳуроти дар ҷаҳон аз ҳама зиёд паҳншуда мебошад, ки оқибатҳои нохуш ва фоҷиабор дорад. Ҷомеаи байналмилалӣ солиёни зиёд ба масъалаи зӯроварии гендерӣ дахолат намекард, зеро чунин меҳисобид, ки ин масъала хусусияти инфиродӣ дошта, конвенсияҳои байналмилалӣ ба он таъсир намерасонад.

Ассамблеяи генералии СММ 20-уми декабри соли 1993 «Эъломия дар бораи решакан кардани зӯроварӣ нисбат ба занон»-ро қабул намуд. Моддаи 2-юми он оид ба зӯровариҳои ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва равонӣ нисбат ба занон дар оила ва ҷомеа ва ҳама гуна муҳити дигар боиси таваҷҷуҳи махсус мебошад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода таъкид намуд, ки таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандони кишвар яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҷавҳари Конститутсияи давлати ҳуқуқбунёди моро ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки пешгирии зӯроварию хушунат дар оила яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад, ки ҳалли он дар маркази диққат ва таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки 19 марти соли 2013 қабул ва то имрӯз амал карда истодааст, аз 4 боб ва 26 модда иборат буда, мақсад, мафҳум ва аломатҳои зӯроварӣ дар оила, ваколату вазифаҳои мақомоти дахлдорро муқаррар ва ба танзим медарорад. Ҳамзамон, дар заминаи қонуни мазкур «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023» ба тасвиб расида, «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» татбиқ ва мавриди иҷро қарор доранд, - иброз намуд Солеҳа Холмаҳмадзода.

Сардори шуъбаи рушди гендерӣ ва муносибатҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷавоҳир Акобирова ёдовар шуд, ки нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023» аз 6 банд ва 39 зербанд иборат буда, то имрӯз иҷрои 99 фоизи бандҳои он таъмин гардидааст.

Дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд 42000 нусха маводи тақсимотӣ, аз ҷумла брошюра ва буклетҳои «Насли ҷавон ҳаёти бе зӯровариро интихоб мекунад», «Мақсади мо: муҳофизат ва нигоҳ доштани оила», «Зӯроварии хонаводагӣ ҷиноят аст», «Бетараф нашавед», «Хушдоман», «Чаро борон борид?», тақвими «Оила бе зӯроварӣ» ва дигар маводи зарурӣ ба чоп расонида, дар доираи чорабиниҳо ба иштирокчиён ройгон тақсим карда шуд.

Намояндаи Вазорати корҳои дохилӣ, полковники милитсия Дилшод Холмуродзода зикр намуд, ки дар ШВКД-и шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд, Панҷакент, Хоруғ, Ваҳдат, Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҷайҳун ва Дӯстӣ 17 нафар нозирони минтақавӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолият мекунанд. Соли 2022 аз ҷониби шаҳрвандон 2589 арзу шикоят вобаста ба зӯроварӣ дар оила ворид шуда буд.

Дилрабо Мансурӣ дар поёни чорабинӣ иброз намуд, ки соли ҷорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон барои мукаммал гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» якчанд тағйиру иловаҳо пешниҳод шуд, ки айни ҳол мавриди баррасӣ қарор дорад.

Моро зарур аст, ки миёни шаҳрвандон корҳои фаҳмондадиҳиро боз ҳам пурзӯр намуда, ҷиҳати бартараф намудани пешгирии зӯроварӣ дар оила тадбирҳои муассир биандешем.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# ИНТЕРНЕТИ БОСУРЪАТ

## БАРОИ ДАСТРАСӢ БА ОН КАДОМ КОРҲО АНҶОМ ДОДА ШУДААНД?

**Дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло дар мавзӯи «Интернети босуръат ва дастрас» суҳбати гирди миз баргузор шуд, ки дар он намояндагони Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои мухобиротии кишвар иштирок доштанд.**

Хайрулло Амонулло зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми декабри соли гузашта, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» изҳор доштанд, ки «Рушди соҳаи алоқа, бахусус таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологию инноватсионӣ, зарур мебошад».

- Президенти мамлакат, ҳамчунин, таъкид намуданд, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест. Аз ин рӯ, бо мақсади ба эътидол овардани вазъ дар соҳа, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет, дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст, Хадамоти алоқа дар якҷоягӣ бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда муваззаф гардиданд, ки тадбирҳои зарурӣ андешанд. Пас аз дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати фароҳам овардани заминаи муосири ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо назардошти пешравию таҳаввулоти дар ин соҳа дар миқёси ҷаҳон ба вуҷудомада, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми апрели соли ҷорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» дар таҳрири нав қабул гардид. Боварӣ дорем, ки қонуни мазкур барои тақвияту тавсеаи фаъолият дар рушди соҳаи мазкур нақши бориз мегузорад, - зикр кард номбурда.

Муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳом Атоев доир ба тадбирҳои андешидаи хадамоти мазкур маълумоти муфассал дод.

- То аввали моҳи декабри соли 2023 аз ҷониби операторони алоқаи мобилӣ дар кишвар иловатан 1054 истгоҳи базавии алоқаи мобилӣ фаъол шуд. Тамоми пойгоҳҳои базавии алоқаи мобилӣ аз тариқи кабели нахию нурӣ пайваст гардида, аз иқтидор ва зарфияти зиёди техникӣ бархӯрдор буда, метавонанд суръати дастрасӣ ба шабакаи интернетро на камтар аз 30-32Мб/с барои ҳар як истифодабаранда таъмин намуда, ба беҳтар намудани сатҳи сифати хизматрасонӣ ва арзон намудани арзиши он мусоидат намоянд. Ҳамчунин, бо афзоиши иқтидор ва зарфияти техникии шабакаҳои алоқаи мобилӣ ва алоқаи собит, тарофаҳо бозбинӣ гардида, арзиши миёнаи онҳо коҳиш ёфта, аз ҷониби провайдерони ватанӣ дар ёздаҳ моҳи соли равон бештар аз 500,5 км кабели нурию нахӣ ва таҷҳизоти муосири рақамӣ бо мақсади бунёди шабакаҳои GPON-«Gigabit Passive Optical Network» -«Шабакаи пассивии оптикии гигабит» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистонӣ, насб шуд, - гуфт Илҳом Атоев.

Маълум гардид, ки мутобиқи нақша барои солҳои 2024-2028, иловатан 7,6 ҳазор маҷмӯъ таҷҳизоти истгоҳҳои базавии алоқаи мобилӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён доир ба пайдоиши интернет ва нақши он дар рушди ҷомеа изҳор дошт, ки пас аз дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмин намудани интернети баландсуръат ва дастрас Тоҷикистон марҳилаи се - чорсолаи дастёбӣ ба чунин дастовардҳоро дар як сол тай намуд.

- 10 - уми майи соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» қабул гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри соли 2003 «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 - юми декабри соли 2004 «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шуданд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур заминаҳои ҳуқуқии ташкил, амалигардӣ ва рушди соҳаро асос гузошта, имконият фароҳам оварданд, ки ба сармоя ва технологияҳои замонавӣ ворид гарданд, - зикр кард Комрон Исмоилиён ва афзуд, ки беш аз 40 дарсади аҳолии кишвар истифодабарандаи интернет мебошанд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 30 санади меъёрии байналмилалӣ ба имзо расид, ки татбиқи онҳо низ аз сатҳу сифати хизматрасонии интернетӣ вобастагӣ дорад.

Комрон Исмоилиён самаранок ба роҳ мондани омӯзиши мутахассисони соҳа ва ҷалби кадрҳои баландихтисос, пеш аз гузаронидани корҳои профилактикӣ аз тариқи воситаҳои ахбори омма ва паёмакҳо огоҳонидани муштариён, баланд бардоштани сатҳи касбияту муоширати кормандони марказҳои тамоси операторон, пешниҳод намудани имтиёзҳои иловагӣ баҳри ҳавасманднамоии операторону провайдеронро аз тадбирҳое арзёбӣ кард, ки бояд мадди назар бошанд.

Дар чорабинӣ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъулин савол дода, ҷиҳати беҳтар кардани фаъолият пешниҳодҳояшонро манзур намуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

Аз Паём то Паём

# ТАҲКУРСӢ БАРОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми декабри соли 2022 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси таъмини амнияти озуқаворӣ сухан ронда, аз ҷумла, чунин таъкид намуданд:**

«Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – таъмини амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем».

Сарвари давлат зикр карданд, ки соли 2022 истеҳсоли ғалладонагӣ ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд. Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.

Бо мақсади афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ба интихоби тухмии хушсифат аҳамияти ҷиддӣ бояд дод. Дар сурати мавҷуд будани замини ҳосилхезу об, агар тухмӣ бесифат бошад, маблағу вақт ва қувваи кории зиёд зоеъ меравад.

Гуфтан зарур аст, ки аз дигар кишварҳо овардани тухмӣ маблағи зиёд талаб мекунад. Инчунин, дар тухмии аз хориҷа воридшуда эҳтимоли паҳншавии баъзе касалиҳо вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, рушду тараққӣ додани соҳаи тухмипарварии ватанӣ ба нафъи кор аст.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди соҳаи тухмипарварӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Чунончи, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010- 2014» тасдиқ гардид, ки он барои пешрафти соҳа такони ҷиддӣ бахшид. Баъдан, вобаста ба муҳим будани рушди соҳа зарурати таҳия ва қабули «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016- 2020» ба миён омад. Дар асоси барномаи мазкур дар самти санҷиш, бақайдгирӣ, ҳифзи навъҳо, назорати сифат ва сертификатсияи тухмӣ корҳои зиёд ба анҷом расиданд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2021 таҳти рақами 117 «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025» қабул шуд.

Бо мақсади таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии хушсифати ватанӣ дар ҷумҳурӣ 128 хоҷагии тухмипарварӣ фаъолият мекунанд, вале фаъолияти як қатор хоҷагиҳо қаноатбахш нест. На ҳама сарварони хоҷагиҳо ба моҳияти масъала дуруст сарфаҳм меравaнд. Тухмиҳое, ки ба кишт омода мегарданд, мувофиқи тавсияномаи Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ қобилияти энергияи сабзиши онҳо бояд аз 85 то 95 дарсад бошад ва тозагии навъ 98- 100 дарсадро ташкил намояд. Дар он вақт аз ин гуна тухмиҳо ҳосили баланд рӯёнидан имконпазир аст. Барои тухмипарварӣ қитъаҳои беҳтарини заминро ҷудо намуда, аз кишт то ғунучини ҳосил ба қоидаҳои агротехникӣ риоя бояд кард.



Мушкили дигар он аст, ки бояд ба усули киштгардонии зироат диққати ҷиддӣ зоҳир намоем. Махсусан, коштани юнучқа, лӯбиёгиҳо ва ғалладонагиҳо заминро серғизо ва аз алафҳои бегона тоза мекунад.

Таҷрибаҳои бисёрсолаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ собит намудааст, ки на камтар аз 50 дарсад ва баъзан то 70 дарсад гирифтани ҳосилнокии баланди зироати хоҷагии қишлоқ аз дуруст истифода бурдани нуриҳои минералӣ ва тухмии баландсифат вобастагӣ дорад.

Соҳаи кишоварзӣ базаи мустаҳками ашёи хом барои саноат ба ҳисоб меравад. Азбаски саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафаи чоруми стратегӣ эълон шудааст, таваҷҷуҳи бештар намудан ба соҳаи кишоварзӣ, расидан ба ин ҳадафро осон мекунад.

Хуб мешуд, ки дар донишгоҳу коллеҷҳои кишвар тайёр кардани мутахассисони соҳа (агроном- тухмипарвар) ба роҳ монда шавад. Дар сурати вусъат бахшидан ба ин раванд мо оянда муҳтоҷи тухмиҳои хориҷӣ (воридотӣ) намешавем.

Ба муассисаҳои илмию истеҳсолӣ барои ҳавасмандкунии олимону муҳаққиқон ба таври имтиёзнок замину об, нурӣ ва техника ҷудо кардан ба манфиати кор хоҳад буд. Инчунин, ба киштгардони зироат, ки яке аз омилҳои фаровонҳосилӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, аз нуриҳои органикӣ васеъ истифода бурдан лозим аст.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «...ҳар як ваҷаб заминро самаранок истифода бурда, ҳосилхезии онро афзун бояд кард».

**Сайфиддин САДРИДДИНОВ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муҳокимаи парламентӣ

# ИҚДОМЕ, КИ БОИСИ БЕҲШАВИИ ҲОЛАТИ МЕЛИОРАТИВИИ 46718 ГЕКТАР ЗАМИН ШУД

**19-уми декабри соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» муҳокимаи парламентӣ баргузор шуд.**

Рустам Латифзода зимни суханронӣ изҳор дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд».

Дар заминаи ин сиёсат ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию иқтисодии соҳаи кишоварзии мамлакат дар самти истифодаи самараноки замин барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда тадбирҳои саривақтӣ андешида мешаванд.

Иҷрои барномаҳои давлатӣ ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» нишон медиҳанд, ки корҳои муайян дар ин самт амалӣ гардидааст. Тибқи таҳлили мутахассисон, дар иҷрои сифатноки корҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ мушкилоти гуногун ҷой доранд.

- Бо сабаби нокифоягии маблағгузорӣ, риоя нагаштани талаботи агротехникӣ, тоза накардани заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ, ҳолати техникии пойгоҳҳои мелиоративӣ, барои обёрӣ истифода бурдани оби заҳбуру заҳкашҳо, вазъи мелиоративии заминҳои кишоварзӣ то андозае мураккабтар шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



23-юми декабри соли 2022 қайд намуданд, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад. Маҳдудияти заминҳои барои таъиноти кишоварзӣ истифодашаванда моро водор мекунад, ки ба самаранокии истифодаи онҳо бештар аҳамият диҳем, - зикр кард номбурда.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Файзулло Қосимӣ изҳор дошт, ки бо мақсади ба гардиши кишоварзӣ ворид намудан ва беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ тибқи барномаҳои давлатӣ солҳои 1996 - 2015 дар 151,4 ҳазор гектар корҳои мелиоративӣ гузаронида шуд. Дар доираи «Барномаи беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2004» ҳолати мелиоративии 30,6 ҳазор гектар, солҳои 2005-2009- ум 60,2 ҳазор гектар ва солҳои 2010-2014-ум 51,7 ҳазор гектар беҳтар гардид.

- Бо мақсади идома додани ин раванд Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» аз 1 августи соли 2018 таҳти №374 қабул гардид. Тибқи қарори мазкур, беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда дар 48661 гектар бо харҷи 51 миллиону 16 ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла 11 млн. 908 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ, 33 млн. 12 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллӣ ва 6 млн. 243 ҳазор сомонӣ аз буҷети мутамарказ пешбинӣ гардидааст.

Аз маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки солҳои 2019-2022 ва 10 моҳи соли 2023 корҳо 44 млн. 999 ҳазор сомонӣ ё 88 дарсад маблағгузорӣ гардида, вазъи мелиоративии 46718 га (96 фоиз) замини кишоварзӣ беҳтар шудааст. Ҳамин тариқ, солҳои 2019-2022 ва даҳ моҳи соли 2023 аз ҳисоби 51,2 млн. сомонии ба нақшагирифташуда 33,4 млн. сомонӣ аз худ шудааст, ки 66,0 фоизро ташкил медиҳад. Аз рақамҳои мазкур бармеояд, ки сабаби пурра иҷро нагардидани нақшаи мазкур маблағи зарурӣ ҷудо нагардидан аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад, - зикр кард Ф. Қосимӣ.

Сардори раёсати ҳавзавии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шафоат Назифов доир ба рафти иҷрои қарори зикршуда маълумоти муфассал дод. Бино ба гуфти ӯ, дар доираи барномаи мазкур солҳои 2019 - 2022 ва 11 моҳи соли 2023 нақшаи корҳои мелиоративӣ ба маблағи 45709,0 ҳазор сомонӣ (89 фоиз), аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ 23210,0 ҳаз. сомонӣ (195 фоиз), буҷети маҳаллӣ 10825,0 ҳаз.сомонӣ (33 фоиз), буҷети муттамарказ 411,0 ҳаз.сомонӣ (7 фоиз), лоиҳаҳои сармоягузорӣ 736,0 ҳаз. сомонӣ, фонди Оғохон 1248,0 ҳаз. сомонӣ, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об 1446,0 ҳазор сомонӣ, фонди хайрия 128,0 ҳаз. сомонӣ ва аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 7705,0 ҳазор сомонӣ иҷро гардида, ҳолати мелиоративии 47415 гектар (97 фоиз) заминҳои ғайриқаноатбахши мелиоративӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ беҳтар гардид.

- Бо мақсади тавсеа бахшидан ба ин раванд дар заминаи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ «Барномаи рушди вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» таҳия шуда, дар марҳилаи баррасӣ қарор дорад. Маблағи барои амалигардонии барномаи мазкур пешбинишуда 100 158,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар доираи он ҳолати мелиоративии 81248 гектар заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар мешавад, - изҳор дошт Ш. Назифов.

Дар муҳокимаи парлумонӣ, ҳамчунин, намояндагони Палатаи ҳисоб, Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, вобаста ба ин мавзӯъ фикрҳояшонро баён карданд.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳояшон аз масъулин посух гирифта, ҳамчунин пешниҳоду тавсияҳо манзур намуданд.

Дар охир, бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум». Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ТАНЗИМ БА НАФЪИ МАРДУМ АСТ

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳри рафъи мушкилоти зиндагии мардум таҳия гардида, мақсаду мароми он осон намудани рӯзгор, зиндагӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии мардум мебошад. Ин қонун дар доираи арзишҳои миллӣ таҳия гардида, метавон бе чуну чаро онро қонуни миллӣ номид. Баҳри дар амал татбиқ намудани талаботи қонун омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ, ки бе якдигар рушд карда наметавонанд ва ба пешрафти фарҳанг мусоидат менамоянд, хеле муҳим аст.**

Мехостам дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мулоҳизоти хешро иброз бидорам.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои такмили қонуни амалкунанда таҳия шуда, дар он ҷиҳати таҳкими фаъолияти комиссияҳои доимии маҳаллию ҷамъиятӣ ва салоҳияти онҳо низ меъёрҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар лоиҳаи қонуни мавриди назар як қатор меъёрҳои нав пешниҳод гардидаанд, ки онҳо барои ҳимояи манфиатҳои аҳолӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, дар рӯзи идҳои Рамазон ва Қурбон оростани дастурхони маънавии хоксорона ва роҳ надодан ба исрофкорию зиёдаравӣ аз ҳамон ҷумла аст. Инчунин, тартиби нави гузаронидани хатнасур пешниҳод гардида, минбаъд он дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад. Хатна бошад, бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор ройгон бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешавад. Дар ин маврид таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар ин самт омӯхта шуда, дар асоси омӯзиш пешниҳод манзур гардидааст.

Гузаронидани маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон иҷозат дода шуда, гузаронидани маъракаҳои дигар низ қатъиян манъ аст.

Ин муқаррарот бо мақсади сарфа намудани маблағҳои падару модарон ва пешгирӣ намудани пастшавии сатҳи зиндагонии мардум муқаррар шудааст. Дар як вақт ба падару модарон ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда ҳуқуқ дода мешавад, ки аз маблағҳои сарфашуда то расидан ба синни балоғат дар бонкҳо ба номи писаронашон суратҳисобҳо кушоянд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо риояи тартиби муқарраршуда ва бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд.

Қонуни мазкур аз 5 боб ва 16 модда иборат буда, «…рушди ҷомеа, анъана ва ҷашну маросимҳоро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст».

Барои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳар яки мо маданияти баланд, рафтори нек, тафаккури хоса, муносибати хоксоронаю хайрхоҳонаи фардӣ шарту зарур аст.

**З. САИДЗОДА, судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе**

# ЧОР БУНГОҲИ САЛОМАТӢ ДАР ХОНАИ ИСТИҚОМАТӢ

**Айни замон дар ноҳияи Муъминобод чор деҳа, аз ҷумла Кӯли Ҳаётбек, Дараи Ҳаваш, Ғуломобод ва Ҷавзодара бунгоҳи тиббӣ надоранд. Барои табобати беморони деҳа дар хонаи истиқоматӣ бунгоҳи тиббӣ ташкил гардидааст. Сокинони даҳҳо деҳаи дигар, аз ҷумла деҳаи Дегрези деҳоти «Чилдухтарон», низ то ба ҳол бунгоҳи тиббии ҷавобгӯи талабот надоранд. Сокинон дар ҳолати бемор шудан намедонанд ба куҷо муроҷиат кунанд. Ягона илоҷ тай кардани 20 километр роҳ то ба маркази ноҳияи Муъминобод мебошад.**

Дар робита ба ин мушкил сардухтури Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС)-и ноҳия Сайдамир Розиқов иброз дошт, ки деҳаҳои зикршуда аз маркази ноҳия дар масофаи дур ҷойгир мебошанд. Аз солҳои шӯравӣ бунгоҳҳои тиббии онҳо дар дохили хонаи истиқоматӣ ё муассисаи таълимӣ фаъолият менамоянд. Баъд аз зиёд шудани хонандагон бунгоҳҳои тиббиро ба хонаҳои истиқоматӣ кӯчониданд. Дар деҳаи Кӯли Ҳаётбек бояд бунгоҳи тиббӣ сохта шавад. Ҳоло лоиҳакашию ҳуҷҷатгузорӣ пурра ба анҷом расидааст. Маркази саломатии деҳаи Нуробод низ то соли 2022 дар хонаи истиқоматӣ фаъолият менамуд. Соли равон бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ дар ин деҳа бунгоҳи саломатӣ сохта шуд.

- Дар нуҳ моҳи соли равон бо маблағгузории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду бунгоҳи саломатӣ пурра аз таъмири асосӣ баровaрда шуд. Дар ноҳияи Муъминобод 129 деҳа мавҷуд мебошад, ки аксари онҳо бунгоҳи тиббӣ надоранд. Ҳоло дар 54 деҳаи ноҳия бунгоҳи тиббӣ мавҷуд аст, боқӣ бинобар кам будани шумораи аҳолӣ то ҳол бунгоҳи тиббӣ надоранд, - афзуд номбурда.

Иттилоъ гирифтем, ки яке аз мушкилоти асосии Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) - и ноҳияи Муъминобод норасоии духтурони дараҷаи олӣ буда, 56 духтур намерасад. То ба кай сокинони деҳаҳои зикршуда бе бунгоҳи тиббӣ мемонанд? Дар сурати бемор шудан онҳо дар фасли зимистон ба куҷо муроҷиат кунанд?

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

**Дар Паёмашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 22-юми декабри соли 2017 дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, ба масоили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, минҷумла иброз доштанд: «Бо мақсади танзими хизматрасониҳои пардохтӣ, осон ва шаффоф гардонидани амалиёт, кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд».**

# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ – ОМИЛИ РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Воқеан, бо мақсади рушди низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат бахшидани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо дар мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 30-юми ноябри соли 2018 таҳти №565 ба тасвиб расид. Мувофиқи қарори зикршуда вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатие, ки хизматрасониҳои пулакиро пешниҳод мекунанд, муваззаф гардиданд, ки то 1-уми апрели соли 2019 дар баробари ҳисоббаробаркунии нақдӣ ба таври ҳатмӣ қабули ҳаққи ҳамаи намудҳои хизматрасониро аз аҳолӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ таъмин созанд. Илова бар ин, дар қарори зикргардида масъалаи марҳила ба марҳила маҳдуд кардани ҳисоббаробаркуниҳо бо пули нақд дар муомилоти пулии кишвар таъкид ба амал оварда шуд.

Ҳамин тариқ, дар миқёси кишвар барои татбиқи самарабахши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» чораҳои зарурӣ андешида шуда, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ якҷо бо вазорату идораҳо ва корхонаю муассисаҳои давлатӣ имкони пардохт намудани як қатор хизматрасониҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ таъмин кардаанд.

Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 бори дигар ба масъалаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дахл карда, зарур донистанд, ки «амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар вусъат бахшида, ин тартиб соли 2019 дар пардохти хизматрасониҳо ва низоми савдо ба таври васеъ ҷорӣ карда шавад».

Бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва техникаю технология зарурат ба амал омад, ки пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ пурра тариқи ғайринақдӣ сурат гирад. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 роҳандозӣ намудани пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатиро тариқи ғайринақдӣ масъалагузорӣ карда, бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ лозим шумориданд, ки «пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад».

Дар натиҷа, ҷиҳати иҷрои талаботи Паёми зикргардида Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22-юми июни соли 2023 таҳти №586 ба имзо расид. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ фарогири 7 банд буда, тибқи банди 1-уми он аз 1-уми августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо (хизматрасониҳои музднок) ғайринақдӣ амалӣ карда шуда, аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднок манъ гардид.

Роҳандозӣ намудани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ саривақтӣ ва тақозои замон буда, пеш аз ҳама, ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам хоҳад гузошт, ҳамчунин, боиси аз байн бурдани навбатпоӣ дар назди бонку бонкоматҳо барои пардохти хизматрасониҳои коммуналию намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ ва гирифтани пули нақд, сарсону саргардониҳо, муҳимтар аз ҳама, боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагӣ мегардад.

Ҳамин тавр, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» зарурат ба амал овард, ки қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ такмил дода шавад. Дар натиҷа, ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Чунончи:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 13-уми ноябри соли 2023 таҳти №1985);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 1989);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 1995);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 1996);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 2001);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 2005);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 2006);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 2007);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» (аз 13-уми ноябри соли 2023, № 2008).

Бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 58-и Конститутсияи мамлакат бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми декабри соли 2023 қонунҳои зикршударо баррасӣ ва қабул кард, ки дар назар аст онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи кишвар баъди ба имзо расидан аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пас аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шаванд.

Ҳамчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷумҳурӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Дар ҷаҳони муосир интернет дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар, хусусан инкишофи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, нақши муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 Хадамоти алоқаро вазифадор намуданд: «... якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст, тадбирҳои зарурию роҳандозӣ намояд».

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» замина ва омили муҳими рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ маҳсуб мешаванд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**корманди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# НАМОИШИ ҲУНАРУ ЭҲЁИ АРЗИШҲО

**Ифтитоҳи намоиши асарҳои эҷодии Рассоми халқии Тоҷикистон, профессор Сабзаалӣ Муродзодаи Шариф бахшида ба гиромидошти хотираи нависандаи мумтоз, сенариянависи синамо, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Сайф Раҳимзоди Афардӣ даъват ба ҳифзи арзишу дастовардҳои миллӣ ва қадршиносии бузургони миллат мебошад.**



Намоишро ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, профессор Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат бо ёдоварӣ аз хизматҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар рушди соҳаи адабиёт, фарҳанг, синамо, телевизион ва радиои тоҷик ҳусни оғоз бахшид.

Сардори раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмоналӣ Миралaround, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим, омӯзгори калони кафедраи санъатшиносӣ Бика Ёғибекова, муовини директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Салима Ҷӯраева, раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Наргис Ҳамидова, мудири бахши санъатшиносии АМИТ Аслиддин Низомов, профессор Манзура Улҷабоева, директори Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомӣ ба номи М. Олимов Сироҷиддин Ҷурахонзода зимни суханронӣ ба паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти пурсамари Сайф Раҳимзоди Афардӣ рӯшанӣ андохтанд.

Намоиши мазкур то охири моҳи декабри соли ҷорӣ идома ёфта, хоҳишмандон метавонанд, барои шинос шудан аз олами пурғановати эҷодиёти Рассоми халқии Тоҷикистон, профессор Сабзаалӣ Муродзода ва асарҳои мондагори устод дар бобати Сайф Раҳимзоди Афардӣ онро тамошо кунанд.

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**



# БЕМОРХОНА ТАЪМИРУ АЗНАВСОЗӢ МЕШАВАД

**Ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Файзобод таъмиру навсозии беморхонаи марказии ноҳия бомаром ҷараён дорад.**

Сардори қитъаи сохтмонии ҶДММ «Строй Сентр» Ғуломалӣ Боев зимни суҳбат зикр намуд, ки таъмиру навсозии беморхонаи марказии ноҳияи Файзобод иборат аз даҳ шуъба бо ғунҷоиши 216 кат ва сохтмони бинои маркази ташхису табобат иборат аз шаш шуъба бо ғунҷоиши 28 кат, дар масоҳати 9609 метри мураббаъ амалӣ мегардад. Айни ҳол сохтмони маркази ташхису табобат, ки аз се ошёна иборат аст, ба анҷом расида, сохтмончиён болопӯшии онро ба охир мерасонанд. Сохтмону навсозӣ, таъмири пурраи беморхона ва дигар иншооти назди он бо ҷалби мутахассисону сохтмончиён амалӣ мешавад. Тибқи нақша, сохтмону навсозии беморхонаи марказӣ, шуъбаи таваллуд, бинои ташхису табобат ва дигар шуъбаҳои он соли оянда ба анҷом расида, бо беҳтарин шароит ва таҷҳизоти тиббии замонавӣ таъмин мегардад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки то таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт.

Сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Файзобод Суҳроб Ҷобиров афзуд, ки беморхона соли 1975 барои 75 кат сохта шуда, то имрӯз фаъолият мекард. Бо сабаби кӯҳнаю фарсуда ва таъмирталаб гардидани биноҳои табобатӣ беморхона ба таъмири асосӣ ва навсозӣ ниёз дошт.

Инчунин, навсозии шабакаҳои оби нӯшокӣ, корезӣ, гармитаъминкунӣ, ҳавотозакунӣ, барқ, сохтмони иншоот барои истеҳсоли гази табобатӣ ва таҷҳизонидани беморхона бо мебелу таҷҳизоти замонавии лабораторӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

Илмат ба амал чу ёр гардад...

**Доктори илмҳои кишоварзӣ Қозимамад Абдуламонов мутахассиси машҳури соҳаи генетикаю селексияи зироати ғалладонаи ҷумҳурӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буда, тӯли зиёда аз 53 сол аз вазифаи лаборант сар карда, то ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимии Институти биологии Помир кор кардааст.**

# ШАРАФИ ИЛМИ БИОЛОГИЯРО БОЛО БАРДОШТ

Ҳал намудани масъалаи озуқаворӣ дар Тоҷикистон аз саъю кӯшиши зиёди олимон барои ба даст овардани навъҳои нави серҳосил вобаста аст.

Қ. Абдуламонов дар тӯли тадқиқоти бисёрсолааш бо усули таҳлили диаллелӣ бори нахуст назорати генетикии маҳсулнокии 10 аломати барои хоҷагӣ муфиди миқдории волидони ҷави баҳории пайдоишашон маҳаллиро муқаррар намуд. Қобилияти комбинатсионии умумии шаклҳои волидонро муайян кард. Сарчашмаҳои генҳои ҳосилнокии баланд, кӯтоҳпоягӣ, тезпазакӣ, панҷаронии пояҳои ҳосилдиҳанда, миқдори зиёди донаҳо дар хӯшаи ҷав ва ғайраро ҷудо намуд, ки барои селексияи амалии зироати ҷав аҳамияти калони бунёдии илмӣ доранд.

Олим муайян намуд, ки самараи интихобкунии дурагаҳои ҷави баҳорӣ аз дараҷаи қобилияти комбинатсионии умумии волидон вобастагӣ дошта, ба хусусиятҳои ирсии аломатҳои миқдории дурагаҳои насли $F_1$ алоқаманд нест. Муаллиф нишон дод, ки дар ноҳияҳои давраи нашъунамои растаниҳо кӯтоҳ (Помири Шарқӣ ва ғайра) дар корҳои селексионӣ нисбати тезпазакӣ ва ҳосили баланд истифода бурдани навъи нави ҷави «Помир-2» ба мақсад мувофиқ аст. Нишон дода шуд, ки силкҳои бадастовардаи ҷави «Вахон-1», МКК (мутанти кӯтоҳпояи ковокхӯша) ва СДБ (силки дурагаи бетағйир) сарчашмаи генҳои кӯтоҳпоягӣ буда, муқовимати баланд нисбати чаппашавӣ доранд.

Барои корҳои селексионӣ нисбат ба баланд бардоштани ҳосилнокии дон дар шароити кӯҳистон навъи маҳаллии ҷави кабудак ва силки СДБ тавсия шудаанд.

Натиҷаи ин усули мураккаби тадқиқотҳои генетикӣ аз нуқтаи назари илмӣ, асоснок истифода бурдани маводҳои аввуларо дар селексияи ҷав собит намуд. Силкҳои бадастовардаи муаллиф барои ИИИ «Зироаткорӣ» АИКТ ва дигар селексионерони давлатҳои мустақил (Россия, Украина ва ғайра) дастрас шуда, дар ҷараёни селексионӣ ворид гардиданд.



Бори аввал академик Н. И. Вавилов соли 1916 зироати кӯҳистони Бадахшонро аз муоинаи экспедитсионӣ гузаронид. Ӯ якумин шуда муайян кард, ки ноҳияҳои кӯҳии Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон яке аз марказҳои пайдоиш ва гуногуншаклии гандуми мулоим ва намунаҳои нодири безабончаи он ба шумор меравад. «Чунин намунаҳои нодири гандумро бешубҳа ботаникҳои дунё намедонанд», навиштааст ӯ дар рӯзномаи саҳроиаш.

Ҳамон сол ӯ аввалин шуда, дар ин минтақа 10 намунаи маҳаллии барои илм нави гандуми безабончаи мулоимро дарёфт кард.

Диққати Н.И. Вавиловро ҷавдори маҳаллӣ, ки дарозии хӯшааш 25 см буда, 100-то дона дошт ва инчунин шакли безабончаи он ба худ ҷалб кард.

Кормандони лаборатория тадқиқоти ин олими барҷастаро идома дода, солҳои 2006-2012 аз киштзорҳои деҳқонони Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон коллексияи захираҳои генетикии лабораторияро бо 23 намунаи нави гандум ғанӣ гардонданд.

Таҳлили гузаронидашудаи гандуми ҷамъоваришудаи экспедитсионии Бадахшон нишон дод, ки онҳо ба 47 намунаи гандуми мулоими маҳаллӣ ва 2 намунаи гандуми қадпаст мансубанд.

Аз 72 намунаи гандуми забончадори барои илм маълум, аз тарафи мо 29 намуна (40,3 фоиз) ва аз 35 намунаи безабонча - 18 намуна (51,4 фоиз) дарёфт гардида, 22 намунаи гандуми қадпасти маҳаллии забончадор танҳо 2 намуна, (9,1 фоиз) ошкор шуд ва аз 11 намунаи гандумҳои маъмули безабонча ҳеҷ дарёфт нашуд, яъне онҳо дар арафаи нестшавии пурра қарор доранд.

Миқдори зиёдтарини намунаҳои ботаникии гандуми мулоими маҳаллӣ (53,1 фоиз) дар баландиҳои 2401-2800 ва 2801-3200 м аз сатҳи баҳр (28,6 фоиз) ҷамъоварӣ гардида, дар баландиҳои 1600-2000 м танҳо 2,0 фоиз ва дар баландиҳои 2001-2400 м танҳо 16,3 фоиз намунаҳо ба қайд гирифта шудаанд.

Таҳлили генетикӣ дар дурагаҳои F1 хусусияти мураккаби меросгирии аломатҳои маҳсулнокиро ошкор намуд. Аз рӯйи аломатҳои «баландии растанӣ», «пояҳои умумӣ ва пояҳои ҳосилдеҳ» дар 45,4-59,1 фоизи комбинатсияҳо ва аз рӯйи аломатҳои «дарозии хӯшаи асосӣ», «шумораи хӯшачаҳои хӯша», «шумора ва вазни дон аз 1 растанӣ», дар аксари ҳолат фавқулбартарии зиёд (68,2-77,3 фоиз) ба қайд гирифта шуд. Ҳангоми мерос гирифтани вазни 1000 дона аз дурагаҳои F1, дар 54,5 фоиз ҳолат афсурдаҳолӣ мушоҳида шуд ва танҳо дар 22,7 фоиз дурагаҳо гетерозис ошкор гардид.

Дар байни 19 навъу намунаҳои гандуми мулоим, навъҳои «Маврӣ», «Норман» ва «Сафедаки ишкошимӣ» қобилияти хуби комбинатсионӣ нишон доданд. Силки дурагавии Маври х Норман.5 офарида шуд, ки он нисбат ба хамшавии поя ва доғзанӣ устувории бисёр баланд дорад.

Қ. Абдуламонов бори нахуст хусусиятҳои ирсии аломатҳои мутанти нодири безабончаю (МБ) бегӯшаки барги ҷавро, ки аз таъсири мутагенҳои кимиёвӣ дар баландии 3860 м аз сатҳи баҳр ба даст оварда шуд, омӯхт.

Натиҷаи тадқиқоти бисёрсола ба Қ. Абдуламонов имкон дод, ки дар истеҳсолоти кишоварзии Помири Ғарбӣ зироати нави ғалладона – тритикалеро дар баландиҳои то 2600 м аз сатҳи баҳр амалӣ намояд. Навъи нави ин зироат бо номи «Бадахшон-3», ки ӯ ба даст овардааст, аз ҷиҳати ҳосили дон нисбат ба навъҳои андозаи ҷавдори маҳаллӣ 1.22-1.55 тӮга, навъи тритикале, Немига-2 – 0.89 тӮга ва навъи аввалаи модариаш (ПРАГ-46Ӯ6) – 0.34-0.38 тӮга зиёд аст.

Аз рӯи натиҷаи тадқиқотҳо оид ба ҷаву тритикале Қ. Абдуламонов соли 2005 монографияи калонҳаҷмро (205 саҳ.) бо номи «Селексия ячменя и тритикале на Западном Памире» ба нашр расонида, дар ҳамкории илмӣ бо шарикони рушд санҷиши қариб 400 навъи гандуми селексияи хориҷи кишварро дар солҳои 1990 гузаронид. Дар натиҷа, дар истеҳсолоти кишоварзии ноҳияҳои ВМКБ навъҳои гандуми «Атой-85» ва «Султон – 95» ба таври васеъ ҷорӣ гардиданд.

Бо ташаббуси Қ.Абдуламонов коллексияи захираҳои генетикии навъҳо ва 109 шакли гандуми мулоими маҳаллӣ, 13 шакли кӯтоҳпояи гандум, зиёда аз 50 мутанти ҷав, инчунин ҳамаи навъҳои маҳаллии зироатҳои лӯбиёдона ва арзан, ки дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон ҷамъоварӣ шудаанд, дар пойгоҳи тадқиқотии ноҳияи Ишкошим бунёд шудааст.

Дар солҳои 2006-2008 бо шогирдонаш муоинаи экспедитсионии киштзорҳои водиҳои Бадахшони Тоҷикистону Афғонистонро дар ҳар ҷое, ки гуногуннамудии гандуми маҳаллӣ боқӣ мондааст, гузаронид. Тадқиқот нишон дод, ки шаклҳои гуногуни гандум дар киштзорҳо ба таври нобаробар боқӣ мондаанд. Миқдори баъзе шаклҳои гандум бартарии зиёд дошта, дигарҳо омехтаи зуд-зуд дучоршавандаанд ва сеюм дар ҳолати омехтаи хеле кам дучор меоянд.

Дар натиҷа, коллексияи захираҳои генетики гандуми маҳаллии институтро бо 23 навъу намунаи нав ғанӣ гардонид, ки 9-тои онҳоро дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон ва 13- тои дигарро дар Бадахшони Афғонистон дарёфт кардааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили маводи ҷамъоваридашуда нишон дод, ки нисбат ба маълумоти мавҷудаи солҳои 70-уми асри гузашта миқдори шаклҳои гандуми мулоим 52 фоиз ва шаклҳои кӯтоҳпоя - 94 фоиз кам шудааст.

Олим тухмипарварӣ ва дуруст ноҳиябандӣ кардани навъҳои гандумро ба роҳ монда, дар истеҳсолоти кишоварзии ноҳияҳои ВМКБ кишти навъҳои беҳтарини гандуми мулоим, ба монанди «Сафедаки ишкошимӣ», «Сурххӯша», «Килаки бартангӣ» ва «Бобилло»-ро барқарор намуд. Ҳар сол аз пойгоҳи тадқиқотии ноҳияи Ишкошим бо роҳбарии ӯ барои хоҷагиҳои вилоят 10 - 12 тонна тухмии аълосифат ба фурӯш бароварда мешавад. Солҳои охир ӯ ба баланд бардоштани сифати тухмии навъҳои дигари гандум – «Руштак» ва «Ҷалдак» шурӯъ намуд.

Аз Бадахшони Афғонистон тухмии 14 навъи маҳаллии гандумро ба Бадахшони Тоҷикистон ворид намуд, ки 3-тои он («Садираси сафедхӯша», «Садираси сурххӯша» ва «Пандакӣ») баъд аз санҷиши сесола дар истеҳсолоти кишоварзии Бадахшони Тоҷикистон ба таври васеъ ҷорӣ шудаанд.

Қаҳрамони матлаб муаллифи зиёда аз 170 мақолаи илмӣ, 2 тавсиянома, 1 номгӯи адабиёти нашргардида доир ба растанипарварӣ, генетика ва селексияи зироатҳои кишоварзии Помир дар солҳои 1924-2012-ум 20 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва 2 монографияи калонҳаҷм буда, 28 мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ИДМ ба чоп расидаанд. Таҳлили мазмуни илмии корҳои илмиаш нишон дод, ки аз 79 мақолаи нашргардида 34-тоаш ва аз 89-то фишурдаи маърӯзаҳо 39-тоаш танҳо ба масъалаҳои генетикаи ҷаву гандум ва тритикале бахшида шудааст.

Ӯ аз соли 2009 узви Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва аз соли 2011 аъзои Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Институти зироаткории АИКТ буд. Мавсуф профессори кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хоруғ буда, аз фанни «Генетика бо асосҳои селексия» машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ мегузаронад.

Қ. Абдуламонов дар озмуни байналмилалие, ки Академияи илмҳои табиии Амрико ва Академияи илмҳои Россия ба масъалаи гуногуннамудии биологӣ дар соли 1993 эълон намуда буданд, ширкат варзида, сазовори диплом ва стипендия гардид.

Натиҷаи корҳои илмиашро дар конфронсу симпозиумҳои байналхалқӣ дар шаҳрҳои Москва, Кишинёв, Новосибирск, Алмаато, Тошкент ба муҳокимаи ҳамкасбонаш пешниҳод намудааст ва шарафи илми биологияи ҷумҳуриро баланд бардоштааст.

Силсилаи корҳои пешниҳодшудаи Қ. Абдуламонов дар соҳаи генетика, селексия ва тухмипарварии зироатҳои ғалладонаи кӯҳистони Бадахшон аҳамияти муҳими бунёдию амалӣ дошта, муаллиф дар соли 2012 сазовори ҷоизаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи академик Е. Н. Павловский дар соҳаи биология, тиб ва кишоварзӣ дониста шуд.

Мутобиқи қарори Раёсати Академияи табиатшиносии Федератсияи Россия (аз 13 сентябри соли 2018) барои саҳми арзанда дар инкишоф додани илмҳои биология, генетика, селексия ва растанипарварӣ мавсуф бо медали ба номи академик Н. И. Вавилов мукофотонида шуд.

Таҳқиқоти илмии номбурда дар самти селексия ва генетикаи ҷаву гандуми тритикале дар шароити кӯҳистони Бадахшон дар намоиши байналмиллалии BOOKEXPRO AMERICA (Ню-Йорк, 29-31 майи соли 2019) бо «Медали тилло» ва соли 2021 бо медали «50 соли фаъолияти бефосилаи пурсамар дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мукофотонида шуд.

**Оғоназар АҚНАЗАРОВ,**
**академик, доктори илмҳои биология, сарходими илмии Институти ботаникии физиология ва генетикаи растании АМИТ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 12-уми январи соли 2024 озмуни №1-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор» | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 2а | масоҳати умумии 80 м² аз ҳисоби ошхонаи муассиса | хӯроки умумӣ | 10000 | 1 сол |
| 2 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор» | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 2а | масоҳати умумии 50 м² аз ҳисоби синфхонаи таълимӣ | таълимӣ | 7000 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | шаҳри Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6 | масоҳати 12 м² аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | хизматрасонӣ, нусхабардорӣ ва чопи маводҳои электронӣ | 8000 | 1 сол |
| 4 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146 | масоҳати 9 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои донишгоҳ | савдо | 10000 | 1 сол |
| 5 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33 | масоҳати 244,92 м² аз ҳисоби шипанг ва бинои ошхона бо дарназардошти 40 адад номгӯи воситаҳои асосӣ | хӯроки умумӣ | 24000 | 1 сол |
| 6 | Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 6, гузаргоҳи 1 | масоҳати умумии 57,2 м² аз ҳисоби бинои маъмурияти матбаа | маъмурӣ | 7000 | 1 сол |
| 7 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1 | масоҳати 2,2 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои таълимии №1 | савдо | 1800 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Репин 60 | масоҳати 11,53 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои хобгоҳи муассиса | савдо | 2500 | 1 сол |
| 9 | Беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи А.Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев 5 | масоҳати 100 м² аз ҳисоби таваққуфгоҳи даромадгоҳи бино | хизматрасонӣ | 12000 | 3 сол |
| 10 | Хоҷагии ёрирасони «Палос»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, шаҳраки Палос, кӯчаи Ваҳдат 1 | масоҳати 344 м² аз ҳисоби биноҳои №8 | истеҳсолӣ | 2270 | 3 сол |
| 11 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | шаҳри Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 1272 м² аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 30528 | дар асоси банди 15 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №537 аз 2 ноябри соли 2011, бинобар сабаби таъмирталаб будани объекти иҷора ва гузаронидани таъмир, мӯҳлати иҷора 5 сол, се соли аввал аз пардохти маблағи иҷора озод, дигар моҳҳо бо дарназардошти пардохти маблағи иҷора ба иҷора супорида мешавад |
| 12 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Саноӣ 33 | масоҳати 36 м² аз ҳисоби бинои марказ | савдо | 7000 | 5 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 160 м² аз ҳисоби ҳудуд ва бинои ҷомашӯйхона | савдо | 16800 | 3 сол |
| 14 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 69 | масоҳати 10,4 м² аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | хизматрасонӣ | 9800 | 3 сол |
| 15 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 48 | масоҳати 22 м² (16 м² ва 6 м²) аз ҳисоби бино ва ҳудуди марказ | савдо | 7200 | 3 сол |
| 16 | Муассисаи таълимии давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 27/1 | масоҳати 17,6 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои ёрирасон | савдо | 6600 | 1 сол |
| 17 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25 | масоҳати 300 м² ва 23 адад номгӯи воситаҳои асосӣ аз ҳисоби бинои №6-и Маркази таълимӣ - тренингии «Таомҳои халқҳои ҷаҳон» | хӯроки умумӣ | 27000 | 3 сол |
| 18 | Маркази алоқаи Почтаи ноҳияи Данғара | ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 1 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 44 м² | маъмурӣ ва савдо | 2940 | 3 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 | масоҳати 427 м² аз ҳисоби ҳудуди назди бино, майдони даромадгоҳ ва ҳуҷраҳои ёрирасони бинои кинотеатри «Ватан» | савдо, қаҳвахона ва хизматрасонӣ | 52500 | 3 сол |
| 20 | Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи А.Ҷӯраев 52 | масоҳати 2100 м² аз ҳисоби ҳудуди майдончаи варзишии донишгоҳ | варзишӣ | 14000 | 3 сол |
| 21 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 31 | масоҳати 13 м² аз ҳисоби Қӯшунҳои сарҳадӣ, воқеъ дар вилояти Суғд, шаҳри Конибодом, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ | техникӣ | 7800 | 1 сол |
| 22 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | шаҳри Кӯлоб, к/з Ҳамадонӣ | масоҳати 9 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 5400 | 1 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 31 | масоҳати 4,5 м² аз ҳисоби ҳудуди назди бинои шашошёна | хизматрасонӣ | 1980 | 1 сол |
| 24 | Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1 | масоҳати 1,5 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бино барои гузоштани таҷҳизоти пардохтӣ | хизматрасонӣ | 3000 | 1 сол |
| 25 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | шаҳри Кӯлоб, Ҷамоати деҳоти Зиракӣ, деҳаи Бахтобод | масоҳати 18 м² аз ҳисоби толори фурудгоҳ | савдо | 2400 | 1 сол |
| 26 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 23 | масоҳати 14 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 8591 | 1 сол |
| 27 | ҶСК «Таъминоти моҳӣ»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Гулистон, маҳаллаи Соҳил 1 | масоҳати 910 м² аз ҳисоби иншооти ҷамъият | истеҳсолӣ | 109200 | 1 сол |
| 28 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ташхисгоҳи геологӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 23 | масоҳати 71,05 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | маъмурӣ | 18000 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 16-уми январи соли 2024 музоядаи № 4-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ – 2107 | 141 UD 01 | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2205 |
| 2 | ВАЗ – 2107 | 153 UD 01 | 2004 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1960 |
| 3 | ВАЗ – 21121 | 162 UD 01 | 2006 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3185 |
| 4 | ВАЗ – 2101 | 05-65 V 01 | 2007 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2940 |
| 5 | УАЗ – 31-514 | 114 UD 01 | 1997 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2100 |
| 6 | УАЗ – 469 | б/р | 1981 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1750 |
| 7 | Ҷип – 2023 | 164 UD 01 | 2002 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3853 |
| 8 | ВАЗ – 2107 | 03-54 M 01 | 2006 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2450 |
| 9 | Митсубиси КУК | 180 XA 01 | 1997 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9800 |
| 10 | Нива - Шевролет | б/р | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4837 |
| 11 | Ҷип-2023 | 03-52 M 01 | 2004 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3920 |
| 12 | ВАЗ – 2107 | Бе рақам | 2006 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 2100 |
| 13 | ГАЗ – 66 | 05-53 M 03 | 1982 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 12250 |
| 14 | ВАЗ – 21010 | 192 XA 03 | 2007 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 2940 |
| 15 | ВАЗ – 2106 | 106 XA 02 | 2001 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 1700 |
| 16 | ВАЗ – 21101 | 413 ZK 02 | 2005 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2450 |
| 17 | ВАЗ – 2106 | 185 ZK 02 | 2000 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 1400 |
| 18 | ВАЗ – 2107 | 04-29 M 02 | 2004 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2800 |
| 19 | ВАЗ – 21074 | 040 ZE 02 | 2002 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2800 |
| 20 | ВАЗ – 2107 | 411 ZK 02 | 2004 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2800 |
| 21 | ГАЗ – 2705 | 04-74 M 02 | 2000 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 4900 |
| 22 | ВАЗ – 2107 | 547 ZK 02 | 2006 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2100 |
| 23 | ВАЗ – 21101 | 04-65 M 02 | 2007 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 3500 |
| 24 | ВАЗ – 2106 | 923 XA 08 | 2003 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1400 |
| 25 | АС – 40 (130) | 13-17 А РТ 03 | 1978 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9800 |
| 26 | АС – 40 (130) | 917 XC 03 | 1990 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12250 |
| 27 | АС – 30 (66) | 015 BX 08 | 1991 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9800 |
| 28 | АС – 40 (131) | 920 3H 02 | 1980 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14700 |
| 29 | АНР – 40 (130) | 21-98 B 02 | 1986 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7840 |
| 30 | АС – 40 (43202) Урал (садамавӣ) | 341 XM 01 | 1988 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8820 |
| 31 | ГАЗ – 5204 | 325 XA 04 | 1984 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7350 |
| 32 | ВАЗ – 21074 | 55-08 B 02 | 2002 | Факултети №4 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2100 |
| 33 | ГАЗ – 31029 | 33-88 B 02 | 1993 | Факултети №4 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1750 |
| 34 | ГАЗ-66 | 038 BB 01 | 1985 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9800 |
| 35 | КАМАЗ-43101 | 018 BB 01 | 1989 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14700 |
| 36 | ЗИЛ – 131 | 012 BB 01 | 1989 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12250 |
| 37 | ГАЗ-66 | 025 BB 01 | 1986 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 38 | ГАЗ-66 | 023 BB 01 | 1988 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 39 | ЗИЛ – 131 | 028 BB 01 | 1979 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12250 |
| 40 | Ҷип-5201 | 065 BB 01 | 2003 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3500 |
| 41 | Донг – Фенг (ба қисмҳо ҷудошуда) | 105 BB 01 | 2014 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10358 |
| 42 | КРАЗ – 257 | 087 BB 01 | 1972 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 16800 |
| 43 | ЗИЛ – 131 | 030 BB 01 | 1983 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 44 | ЗИЛ – 131 | 093 BB 01 | 1990 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 45 | ГАЗ – 3110 | 38-29 A 03 | 2002 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2800 |
| 46 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 210 |
| 47 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 210 |
| 48 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 49 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 50 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 210 |
| 51 | Мотосикл (Урал-67) | б/р | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 52 | Мотосикл (Минск) | 04-04 AA 03 | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 53 | Мотосикл (Минск) | 04-05 AA 03 | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 54 | Мотосикл (Минск) | 04-06 AA 03 | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 55 | Мотосикл (Минск) | 04-07 AA 03 | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 56 | Мотосикл (Минск) | 04-08 AA 03 | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 57 | Мотосикл (Минск) | б/р | 1986 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 280 |
| 58 | ВАЗ – 21012 | 01-66 M 01 | 2003 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2800 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 16-уми январи соли 2024 музоядаи №5-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ЗИЛ-130 «Бортовой» | 034 ZC 01 | 1991 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 20000 |
| 2 | ЗИЛ-130 «Поливальшик» | 15-64 ДБЛ | 1990 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 20000 |
| 3 | Volkswagen | 874 ZB 01 | 2001 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 16000 |
| 4 | Нексия | 67-95 AP 01 | 1997 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 4800 |
| 5 | ВАЗ-21214 | 24-62 B 01 | 2005 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 12000 |
| 6 | ВАЗ-21099 | 261 ZC 01 | 2000 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 6400 |
| 7 | ГАЗ-3102 | 10-33 A 04 PT | 2002 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 5700 |
| 8 | ВАЗ-2106 | 06-81 A 03 | 1997 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 2400 |
| 9 | УАЗ-39099 «Таблетка» | 841 ZB | 2006 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 12800 |
| 10 | Автобус «КАВЗ» | 21-99 | 1986 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 8000 |
| 11 | ГАЗ-66 | 98-21 | 1984 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 20000 |
| 12 | Хундай-Сантафе | 262 ZK 02 | 2007 | Раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | 64000 |
| 13 | ВАЗ-2107 | 63-07 A 03 | 2004 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ноҳияи Восеъ | 5200 |
| 14 | ВАЗ-21214 «Нива» | 42-77 E 01 | 2008 | Корхонаи воҳиди давлатии занбӯрпарварӣ «Асали Тоҷикистон» | 12000 |
| 15 | Тойота RAV-4 | 843 XB 01 | 2011 | Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 64000 |
| 16 | Митсубиси Паджеро | 19-02 A 01 | 1998 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» | 20000 |
| 17 | Леганза | 11-51 E | 1997 | КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Шаҳринав | 8000 |
| 18 | Нексия | 54-77 A 01 | 2009 | Нозироти андоз дар ноҳияи Панҷ | 8000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** ва **шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 47/1** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 47/1 тел: 83422 4-21-83, мобилӣ 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кучаи Теҳрон-21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 10-уми январи соли 2024 музоядаҳои №2 ва №3-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ №2**

| № | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Опел-Вектра | 32-47 B 02 PT | 1992 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Истаравшан | 20 000 |
| 2 | Форланд (боркаш) | 712 XB 01 | 2011 | Корхонаи воҳиди давлатии «Пойгоҳи вагонҳои боркаш»-и КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 60 000 |
| 3 | Форланд (боркаш) | 123 XC 01 | 2012 | Корхонаи воҳиди давлатии «Пойгоҳи вагонҳои боркаш»-и КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 65 000 |
| 4 | Экскаватор-ЭО 3332 | 011/576 | 1983 | Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Лахш | 20 000 |
| 5 | ЗИЛ КДМ | 46-51 A 03 | 1983 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Восеъ | 30 000 |
| 6 | ГАЗ-3110 | 225 2A 01 | 2004 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8 000 |

**МУЗОЯДАИ №3**

| № | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хонда СК-У | 215 XE 01 | 1996 | КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» | 7 360 |
| 2 | Жангя-ганг-Яньнянь | 907 XA 01 | 2012 | КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» | 7 480 |
| 3 | ГАЗЕЛ | 156 | 1996 | КВД «Осоишгоҳи Шифо» | 5 600 |
| 4 | Киа-Соренто | 49-30 A 01 | 2003 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Сангвор | 5 767 |
| 5 | ГАЗ-31029 | 845 2C 01 | 1997 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6 160 |
| 6 | Сузукӣ | 434 XE 01 | 2003 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | 12 000 |
| 7 | Тойота-Камри | 615 2C01 | 1999 | Филиали КВД «Тоҷиксуғурта» дар шаҳри Роғун | 6 840 |
| 8 | ЗИЛ-130 | 35-60 A 02 | 1982 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 19 494 |
| 9 | ЗИЛ-130 | 57-11 A 02 | 1992 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21 135 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** ва **шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 47/1** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 47/1 тел: 83422 4-21-83. мобилӣ 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи ТШТУ №0080103-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 3- и ноҳияи Хуросон соли 1994 ба Имомбердиев Бахтиёр Ахатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Адҳамов, хонаи 18 ба Иминов Юнус Мамадҷонович (РМА 015023430) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи А 0479433, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фрунзе (ҳоло ноҳияи Сино)-и шаҳри Душанбе 26-уми апрели соли 1999 ба Иминов Сабир Мамаджанович (РМА 046658475) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Заркамар, хонаи 2 ба Эгамбердиев Худжамбердӣ (РМА 045441162) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи шарикии гумшудаи №235 аз 19- уми августи соли 2020 дар бораи саҳмгузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ, ки байни ҶДММ «Себистон - 2018» ва Қурбонов Хусрав Отахонович (РМА 037481926) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ, манзили истиқоматӣ дар ошёнаи 5-уми блоки А/1, хонаи 90 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи А 00710444, ки онро ШВКД дар ноҳияи Мастчоҳ 8-уми декабри соли 2016 ба Шарифова Мадина Мирзодавлатовна (РМА 585540834) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба Файзуллоева Соҷида Фатҳуллоевна (РМА 015636576) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии №8Ш-1108, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, ҳавлии 34 «а» ба Болтаев Шукрихудо Қувватович (РМА 085109383), Абдуллоева Фарзона Файзуллоевна ва Назаров Ҷамшед Убайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши мавзеи истироҳатии таҳти феҳрасти 3 ДШ-138, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 29-уми майи соли 2021 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор ба Холов Имомқул Амонович (РМА 095161143) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи 824799, ки онро Институти тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон (ҳоло Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов) соли 1985 ба Абдураимов Александр Силтонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ТСИ №0023080-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ 12 июни соли 2001 ба Рафиев Баҳром Давлаталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда дар бораи ҳиссагузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ, ки байни ҶСП «Муқим 1» ва Девлохов Абдужабор Муродбекович (РМА 305098753) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 51 ва кӯчаи Абай, бинои 58, ошёнаи 5- ум, хонаи 82 (дар бинои 12- ошёна), иборат аз 64, 55 м² баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер)-и №021704-и гумшуда, ки онро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе 26- уми октябри соли 2016 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, бинои 57, хонаи 1 ба Захарова Светлана Васильевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «ОЛИМИ ХУРОСОН» бо (РЯМ 3110000924), ки дар Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Роҳбарият ва кумитаи иттифоқи касабаи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз вафоти корманди собиқадори лабораторияи тадқиқоти комплексии сейсмологӣ ва геофизикӣ**

**АСОЕВ ИБОДУЛЛО ТУРАЕВИЧ**

**андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздиконаш таъзия баён менамоянд.**

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238-54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355-51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76-72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маталибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 25 декабри соли 2023, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34460 нусха*

Навбатдори шумора Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97